**аз 29.03.2021, №164**

«Дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби пешбурди «Утоқи шахсии андозсупоранда»

Бо мақсади таъмини истифодабарии самаранок ва мақсадноки барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз, пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ ва роҳандозӣ намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ тибқи талаботи моддаҳои $17^1$ ва 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби пешбурди «Утоқи шахсии андозсупоранда» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсатҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, таъмини ҳуқуқӣ ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор карда шаванд, ки барои тибқи тартиби муқарраргардида дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтани Тартиби мазкур ва нашри расмии он чораҷӯӣ намоянд.
3. Раёсатҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Тартиби пешбурди «Утоқи шахсии андозсупоранда»-ро ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоянд.
4. КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» баъди бақайдгирии давлатӣ, Тартиби мазкурро дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намояд.
5. Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2013, №2 – Ф «Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

«Тасдиқ шудааст»
бо фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» марти соли 2021
№164

# ТАРТИБИ
# ПЕШБУРДИ «УТОҚИ ШАХСИИ АНДОЗСУПОРАНДА»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби мазкур дар асоси моддаҳои $17^1$ ва 51 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия гардида, тартиби пешбурди «Утоқи шахсии андозсупоранда» ва пешниҳоди ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома–фактураҳоро дар шакли электронӣ тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ муайян менамояд.

2. Утоқи шахсии андозсупоранда (минбаъд – утоқи шахсӣ) –сифати маълумоте, ки дар сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар шабакаи Интернет нигоҳ дошта мешавад.

3. Утоқи шахсӣ аз ҷониби андозсупоранда барои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ (пешниҳод ва қабули дархостҳо) бо мақомоти андоз, тартиб додани ҳисоботҳои андоз, аз ҷониби таҳвилкунандагон таҳия ва пешниҳод намудани ҳисобнома – фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, истифодаи анбори электронӣ ва истифодаи дигар шаклҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз истифода мешавад.

4. Утоқи шахсӣ барои шахсони хориҷие, ки дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта шуданд, бо мақсади аз мақомоти андоз гирифтани ҳуҷҷатҳо (иттилоот) ва пешниҳоди маълумот оид ба хизматрасониҳои электроние, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад, бо шартҳои пешбинӣ намудаи Тартиби мазкур истифода мешавад.

5. Ташкилкунандаи утоқи шахсӣ, Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»-и назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КВД «МБМА») мебошад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иҷозатномаҳо оид ба ҳуқуқи доду гирифти маълумотҳои кушод ва махфии байни мақомоти андоз ва истифодабарандагон дар доираи пешбурди фаъолияти хизматрасонии воситаҳои ҳифзи криптографӣ пешбинишуда, инчунин санҷиши сертификатҳои кушодаи имзои электронии рақамӣ мебошад.

6. Мафҳумҳои асосие, ки дар Тартиби мазкур истифода мешаванд:

а) Андозсупорандаи электронӣ – андозсупорандае мебошад, ки бо мақомоти андоз бо тариқи электронӣ дар асоси созишномаи бо онҳо басташуда оид ба истифода ва эътирофи имзои электронии рақамӣ ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳамкорӣ менамояд;

б) Дастрасӣ – усул ва воситаи пайвастшавии истифодабаранда ба модули хизматрасонии электронии «Утоқи шахсии андозсупоранда»;

в) Логин – номгӯи мухтасари баҳисобгирифташудаи «андозсупорандаи электронӣ» ба ҳисоб рафта, муносибат ва ҳуқуқҳои дастрасии андозсупорандаро муайян менамояд;

г) Рамз – маҷмӯи аломатҳо ё калимае мебошад, ки барои тасдиккунӣ ва ҳуқуқҳои дастрасии андозсупорандаро ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии СМИИА муайян менамояд. Рамз барои таъмини бехатарии маълумот ва пешгирии дастрасии беиҷозат истифода мешавад.

д) Имзои электронии андозсупоранда (ИЭР) – воситаи махсуси криптографӣ, ки таъмини ҳаққоният, пуррагӣ ва муаллифии ҳуҷҷатҳои электронии андозсупорандаро тасдиқ мекунад;

е) Ҳуҷҷати электронии андозсупоранда – ҳуҷҷати мутобиқи шакли муқарраршудаи электронӣ тартиб, пешниҳод, рамзгузорӣ ва бо имзои электронӣ тасдиқ кардашуда, ки пас аз қабул ва тасдиқ шудани дурустии он қувваи эътибори ҳисоботӣ дорад. Ҳуҷҷати электронӣ дар он сурат асл ҳисобида мешавад, ки агар он дорои имзои электронии ҷавобгӯ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб гардида бошад;

ё) Асли ҳуҷҷати электронӣ – асли ҳуҷҷати электронӣ танҳо дар ҳомили электронии махзани электронӣ мавҷудбуда дониста мешавад мавмошинҳ мавҷуд аст. Нусхабардории асл ё нусхаи ҳуҷҷати электронӣ, ки ба таври дахлдор тасдиқ карда нашудааст, эътибори ҳуқуқӣ надорад.

ж) Анбори электронӣ – модули барномаи компютерие, ки дар заминаи ҳисоботи муҳосибӣ барои муайян намудани баҳисобгирии дурусти муомилоти молу маҳсулоти андозсупорандагон ва манбаҳои андозбандӣ истифода бурда мешавад;

з) Молики система ва шабакаҳои иттилоотӣ – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минаъд – Кумитаи андоз) ё шахсе, ки дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани система ва шабакаҳои иттилоотӣ мебошад;

и) XML – забони кушоди аломатгузорӣ, андозаи байналмилалии аломатгузорӣ ҳангомӣ мубодилаи маълумотҳо истифодашаванда;

к) Web – хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, ки тавассути Интернет расонида мешаванд.

л) Иштирокчиён – андозсупорандагон, агентҳои андоз, мақомоти андоз ва дигар мақомот, ки барои ҳисоб ва (ё) ҷамъоварии намудани андозҳо ваколатдор мебошанд;

м) Таъминоти барномавӣ – қисм ё ҳамаи барномаҳо, тартиб, расмиёт, қоидаҳои ба ҳуҷҷагузории системаи коркарди маълумотҳо мутобиқ;

н) Ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо – ҳуҷҷатест, ки тибқи талаботи қисми 1 моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) аз ҷониби шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирифташуда (ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохилнашуда) аз рӯзи амалӣ гардидани бақайдгирӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қабулкунандаи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо тариқи утоқи шахсӣ дар

шакли муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

7. Бақайдгирӣ ва пайвастшавии истифодабарандагон ба модули утоқи шахсӣ, пешниҳод ва қабули ҳисоботҳои (эъломияҳои) андоз ва ҳисобнома – фактураҳо, тартиби пешниҳоди иттилоот ба шакли муайян овардашуда тибқи стандартҳо ва андозаҳои тасдиқ намудаи Кумитаи андоз, дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ амалӣ карда мешавад.

8. Истифодабарандагон барои ҳифзи маълумотҳо ҳангоми интиқоли он тавассути хатҳои кушодаи алоқа, воситаҳои ҳифзи криптографии маълумот, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сертртификатсия шудаанд, истифода менамоянд.

9. Барои истифодабарии барнома розиги тарафҳои созишкунанда ва мавҷудияти воситаҳои техникии ба тарафҳо мувофиқ, ки дорои имконияти қабул ва коркарди ҳисоботи андоз, аз ҷумла ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро тибқи тартиб ва шаклҳои тасдиқ гардида муҳим мебошад.

10. Пешниҳоди электронии ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома – фактураҳо имконият фароҳам меоварад, ки бо истифода аз системаҳои иттилоотӣ фаъолияти андозсупорандагон содда гардида, ба самаранокии маъмурикунонии андозҳо ва тартиби назорати фосилавии амалиётҳои андозсупорандагон таъсири мусбат расонад.

11. Андозсупорандагон низ бартарии комилро ба даст меоранд, зеро татбиқи модули уоқи шахсӣ ва дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андоз ва ҳисобнома – фактураҳо имконияти кам намудани хароҷотҳо оид ба пешниҳоди ҳисоботҳо ба мақомоти андоз, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи ҳисоботҳои зарурирo дар махзани электронӣ фароҳам меоварад.

## 2. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТИ АНДОЗ ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

12. Ҳисоботи андоз – ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки ба онҳо ариза, ҳисобҳо ва эъломияҳо оид ба низомҳои андозбандӣ, ҳар як намуди андоз ё оид ба даромадҳои пардохтшуда, инчунин замимаҳо ба ҳисобҳо ва эъломияҳои андозҳо, ки тибқи тартиби муқарраршуда тартиб дода шудаанд, дохил мешаванд.

13. Тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ – тартиби умумии ташкили мубодилаи иттилоот ҳангоми аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳод намудани эъломияи андоз ва ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро дар шакли электронӣ тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ муайян менамояд.

14. Муносибат байни иштирокчиёни мубодилаи маълумот дар рафти пешниҳоди ҳисоботҳои андоз дар шакли электронӣ мутобиқи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Тартиби мазкур ба танзим даровардa мешаванд.

15. Шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо аз тарафи Кумитаи андоз тасдиқ гардида, ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас карда мешавад ва барои истифодаи андозсупорандагон дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАНГОМИ АЗ ТАРАФИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН ПЕШНИҲОД ГАРДИДАНИ ҲИСОБОТИ АНДОЗ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ БА ВОСИТАИ ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ

16. Тартиби пай дар пайии гардиши ҳуҷҷати электронӣ бо ИЭР ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактураҳо дар шакли электронӣ ба воситаи хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ номгӯи ҳатмӣ, вазифаҳо ва даврияти иҷроиши онҳо барои ҳар як иштирокчии муносибатҳо, ки иҷроиши онҳо дар таъминоти барномавии дахлдор бояд таъмин карда шавад, муайян менамояд. Инчунин, иҷроиши талаботҳо вобаста ба:

а) тавсифи фаслии иҷроиши вазифаҳо;

б) таъминоти барномавӣ аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳо истифодашаванда ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ дар қисми модули барномавӣ, назорати мутобиқати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои андозсупорандагон ба талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо;

в) ҳамкорӣ ҳангоми ҳолатҳои ғайримуқаррариро, танзим менамояд.

17. Ҳангоми аз андозсупоранда қабул намудани ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ, агар ба ҳама талаботҳои пур кардани ҳисоботҳо ё ҳисобнома–фактура комилан мувофиқ бошад, барнома тариқи автоматӣ бо дарҷи сана ва вақти қабул маълумот оиди бо муваффақият қабул гардидани ҳисоботи андозро ба андозсупоранда ирсол менамояд.

18. Дар ҳолати дар муддати як шабонарӯз аз давраи ирсоли ҳисобот, андозсупоранда хабар оиди қабул гардидани ҳисоботро қабул накарда бошад, ӯ вазифадор аст, ки мақомоти андозро аз ин ҳолат огоҳ намояд ва дар сурати зарурат тартиби пешниҳоди ҳисоботро такрор намояд.

19. Шаклҳои электронии ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактура қабул нашуда ҳисобида мешавад, агар онҳо мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Тартиби мазкур таҳия карда нашуда бошанд.

20. Ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактураҳо ба мақомоти андоз пешниҳодгардида ҳисобида мешаванд, агар андозсупоранда тасдиқи электронӣ қабул карда бошад.

21. Барои пешниҳоди ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ байни Кумитаи андоз ё КВД «МБМА» бо андозсупоранда шартнома оид ба мубодилаи маълумот тавассути

модули «Утоқи шахсии андозспоранда», тибқи талаботҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида мешавад.

22. Шартнома мавзеъи ҳамкориҳои дуҷонибаи тарафҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, тартиби гузаронидани чораҳои профилактикӣ, ҷавобгарии тарафҳо, тартиби ҳалли вазъи ихтилофҳо ва баҳсҳо, инчунин муҳлати амалӣ шатномаро муқаррар менамояд.

23. Барои андозсупорандагони низоми умумӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ва ҳисобнома–фактураҳо дар шакли электронӣ ҳатмӣ буда, пешниҳоди ҳисоботҳо дар шакли қоғазӣ манъ аст.

24. Дигар андозсупорандагон метавонад шакли қогазии ҳисоботи андозро мутобиқи талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ танҳо ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

25. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ мутобиқи Тартиби мазкур, андозсупоранда ва мақомоти андоз нигоҳдории онро дар шакли электронӣ бо тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва талаботи қонунгузорӣ таъмин менамоянд.

26. Пешниҳоди ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳо дар шакли электронӣ бо истифодаи муаллификунонии мобилӣ ё сертификати ИЭР, ки имкониятҳои муайян намудани саҳеҳияти муаллифии ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин қабул ва коркарди ҳисоботи андоз, аз ҷумла ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, иҷозат дода мешавад.

27. Ҳуқуқи имзои ҳуҷҷатҳо, иштирокчиёни гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, бо муаллификунонии мобилӣ ва ё бо имзои электронии рақамӣ ба андозсупоранда (намояндаи вай) дода мешавад, ки ваколати онҳо аз ҷониби КВД «МБМА» муайян (тасдиқ) карда шудаанд.

28. Ҳангоми пешниҳоди ҳисобот дар шакли электронӣ, ҳуҷҷати электронӣ бояд аз ҷониби роҳбар ё шахси ваколатдори он тасдиқ карда шавад.

29. Бо мақсади ҳифзи маълумоти дар ҳисоботи андоз дарҷ гардида, ҳангоми интиқоли он бо хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ, иштирокчиёни мубодилаи маълумотҳо воситаҳои ҳифзи криптографии маълумот ё дигар воситаҳои ҳифзи иттилооти тибқи қонунгузорӣ муқарраргардидаро истифода мебаранд.

## 4. ИНТИҚОЛИ ҲИСОБОТИ АНДОЗ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРАҲО БО ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ ВА ТАЪМИНОТИ БАРНОМАВӢ АЗ ТАРАФИ АНДОЗСУПОРАНДА

29. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактураҳо амалҳои зерин пай дар пай иҷро карда мешавад:

а) ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактураҳо дар шакли электронӣ тибқи шакл ва тартиби тасдиқшудаи пуркунӣ таҳия шуда, дар маҳзани маълумотҳо нигоҳ дошта мешавад;

б) баъди муайян намудани саҳеҳии ИЭР ба андозсупоранда барои таҳия ва сабткунии электронии ҳисоботи андоз ва ҳисобнома –

фактураҳо дар модули хизматрасонии «Утоқи шахсии андозсупоранда», дастрасӣ дода мешавад;

в) баъди коркарди бомуваффақияти маълумотҳо аз тарафи мақомоти андоз, эъломияи андоз ва ҳисобнома–фактура ҳамчун «қабулгардида» қайд карда мешавад;

г) пешбурди ҳисоботҳо аз рӯи ҳама намуди эъломияҳо, инчунин аз рӯи шаклҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дар асоси замимаҳои ба эъломияҳо пуркардашуда, ташаккул дода мешавад;

д) имконияти чопи ҳама намуди эъломияҳо ва шаклҳои замимаҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дар намудҳои қабулнамудаи Кумитаи андоз, пешбинӣ карда шудааст.

## 5. ҚАБУЛИ ҲИСОБОТИ АНДОЗ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ БО ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНИИ ТАЪМИНОТИ БАРНОМАВӢ АЗ ТАРАФИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

30. Модули утоқи шахсӣ барои истифодаи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони воқие, ки пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии муқарраргардидаро анҷом медиҳанд, пешбинӣ гардидааст.

31. Модул бояд иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

а) ташкили системаи универсалии рӯйхати андозҳо барои истифодабарандагони гуногун (шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ), фароҳам овардани шароит оид ба интихоби ҷудогонаи зерсистемаи рӯихатҳои барои системаи иттилоотии андоз;

б) ҳисобкунии андозҳо тибқи эъломияҳои андоз;

в) таҳияи ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактура дар шакли ҳуҷҷати электронӣ бо муаллификунонии мобилӣ ва ё истифодаи ИЭР, мутобиқи сохтори муқарраршуда;

г) интиқоли электронии ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома–фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бо истифодабарии воситаҳои ҳифзи криптографии маълумотҳо барои коркард, боркунии маълумотҳои коркардшуда;

д) пешбурди махзани электронии ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома-фактураҳо бо вазифаҳои ҷустуҷӯй, азназаргузаронӣ, чопи ҳуҷҷатҳо;

е) дар Кумитаи андоз барпо намудани захираи автоматикунонидашудаи иттилоот.

32. Дар ҳолати аз андозсупоранда қабул намудани XML–ҷараён, Web–хизматрасониҳо амалӣ зеринро иҷро менамоянд:

– санҷиши ИЭР оид ба тағйирнопазирии маълумотҳо, ҳангоми ҷоивазкунии маълумотҳо дар хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ;

– санҷиши воқеияти андозсупоранда аз рӯи маълумотҳои дар барномаи Кумитаи андоз пешбинигардида аз рӯи рақами мушаххас;

– коркарди маълумотҳои ҳуҷҷати электронии қабулгардида ва интиқолёфта ба махзани электронӣ, ки дар он санҷиши иловагӣ оид ба мутобиқати навъи ҳама майдонҳо ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо;

– гузаронидани ҳисоботҳои электронии қабулгардида ба ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ва махзани захиравии мақомоти андоз;

– коркард ва нигоҳдошти ҳисоботҳои электронӣ аз ҳуҷҷати электронии боркардашуда ба ҳомили рақамии андозсупоранда.

33. Аз рӯи натиҷаи коркарди ҳисоботи андоз тавассути маҷмааи барномавӣ оид ба бомувафақият нигоҳ доштан ё саҳв будани он хабар ташаккул дода шуда, ба андозсупоранда ирсол карда мешавад.

## 6. ТАЛАБОТ БА НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

34. Ҳуҷҷатҳои электронии ирсолгардида ва қабулгардида бо ИЭР бояд дар махзани электронӣ дар якҷоягӣ бо сертификатҳои калиди кушоди имзои электронӣ нигоҳ дошта шавад.

35. Ҳуҷҷатҳои электронӣ, дар махзани электронӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад.

36. Огоҳиномаҳо оид ба қабули ҳисоботҳои андозӣ дар махзани электронӣ дар давоми муҳлати даъвои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз нигоҳ дошта мешавад.

37. Таъминоти барномавӣ иштирокчиёни ҳамкории иттилоотиро бо ҷустуҷуй, азназаргузаронии визуалӣ, нигоҳдорӣ дар ҷузъдон ва чопи ҳуҷҷатҳои электрониро аз махзани электронии ҳуҷҷатҳо таъмин менамоянд.

37. Таъминоти барномавӣ, иштирокчиёни ҳамкории иттилоотиро дар асоси хусусиятҳои ҳуҷҷати электронии интихобшуда аз махзан ба ҳомили берунаи рақамии электронӣ боркунии маълумотҳоро, таъмин менамоянд.